## Принсипҳои Белград
## оид ба фаъолияти якҷояи ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон ва парламентҳо
***(Белград, Сербия, 22-23 феврали соли 2012) ****

Семинари байналмилалӣ оид ба масъалаҳои фаъолияти якҷояи ниҳодҳои миллии ҳуқуқи инсон (НМҲИ) ва парламентҳо, ки Раёсати Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон, Кумитаи ҳамоҳангсози байналмилалии муассисаҳои миллӣ, ки ба пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқи инсон машғуланд, Ассамблеяи Миллӣ ва Омбудсмени Ҷумҳурии Сербия бо дастгирии гурӯҳи кишварии СММ соли 2012 дар Ҷумҳурии Сербия барпо намуда буданд,

Мутобиқи Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, қатъномаҳои 63/169 ва 65/207-и Ассамблеяи Генералии СММ оид ба нақши Омбудсмен, миёнарав ва дигар муассисаҳои милии ҳуқуқи инсон дар пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқи инсон, қатъномаҳои 63/172 ва 64/161 оид ба муассисаҳои миллӣ, ки ба пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқи инсон машғуланд ва қатъномаи 17/9-и Шӯро оид ба ҳуқуқи инсони СММ оид ба муассисаҳои миллии ҳуқуқи инсон, ки ба пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқи инсон машғуланд,

Бо эътирофи он ки дар принсипҳои марбут ба мақоми муассисаҳои миллӣ, (Принсипҳои Париж, ки бо қатъномаи 48/134 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қабул шудааст) пешбинӣ шудааст, ки НМҲИ бояд бо парламентҳо «ҳамкории самаранок»-ро ба роҳ монанд,

Бо таъкиди он ки НМҲИ ва парламент метавонанд аз фаъолияти якҷоя зимни иҷрои уҳдадориҳои худ дар самти пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқи инсон фоидаи назаррас гиранд,

Ва бо ёдоварӣ аз зарурияти муайян намудани соҳаҳое, ки фаъолияти якҷояи нисбатан зиччи НМҲИ ва парламентҳоро бо назардошти хусусиятҳои моделҳои гуногуни институтсионалии НМҲИ тақозо мекунанд,

Принсипҳои зеринро қабул менамояд, ки барои чӣ гуна ривоҷ додани муносибатҳои мутақобила ва ҳамкориҳо миёни НМҲИ ва ҳукуматҳо роҳнамоӣ мекунанд:

***<u>I. Нақши парламентҳо дар таъсиси ниҳоди миллии ҳуқуқи инсон (НМҲИ) ва дар таъмини фаъолият, мустақилият ва ҳисоботдиҳандагии он</u>***

**А) Қонун дар бораи таъсиси НМҲИ**

1) Лоиҳаи қонун дар бораи таъсиси ниҳоди миллии ҳуқуқи инсонро баррасӣ намуда, парламентҳо бояд бо тарафҳои манфиатдори дахлдор машваратҳои васеъ баргузор намоянд.

2) Парламентҳо бояд барои фаъолияти НМҲИ заминаи ҳуқуқӣ таҳия намоянд, ки мустақилият ва ҳисоботдиҳандагии бевоситаи НМҲИ ба парламентро таъмин намояд, бо Присипҳои марбут ба мақоми муассисаҳои миллӣ (Принсипҳо Париж) мутобиқ бошад ва эродҳои умумии Кумитаи ҳамоҳангсози байналмилалии муассисаҳои миллӣ, ки ба пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқи инсон машғуланд, инчунин таҷрибаи пешрафтаро ба инобат гирад.

3) Парламентҳо бояд барои қабули қонунҳо дар бораи таъсиси НМҲИ ва ворид намудани дилхоҳ тағёирот ба қонун дар бораи таъсиси НМҲИ ваколатҳои истисноӣ дошта бошанд.

4) Дар раванди баррасӣ ва қабули тағйиротҳои имконпазир ба қонун дар бораи таъсиси НМҲИ парламентҳо бояд ислоҳоти пешниҳодшударо вобаста ба он ки оё онҳо ба мустақилият ва самаранокии фаъолияти чунин муассиса таъсир мерасонанд ё не дақиқ санҷанд ва бо аъзоёни НМҲИ ва дигар тарафҳои манфиатдор, ба монанди сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ машварат гузаронанд.

5) Парламентҳо бояд иҷроиши қонун дар бораи таъсиси НМҲИ-ро назорат кунанд.

**В) Мустақилияти молиявӣ**

6) Парламентҳо бояд мустақилияти молиявии НМҲИ-ро таъмин намуда, ба қонун дар бораи НМҲИ муқаррароти дахлдорро ворид намоянд.

7) НМҲИ бояд барои баррасӣ ба парламентҳо Нақшаи стратегӣ ва/ё Нақшаи чорабиниҳои ҳарсоларо пешниҳод намоянд. Парламентҳо бояд Нақшаи стратегӣ ва/ё Нақшаи чорабиниҳои солонаи пешниҳоднамудаи НМҲИ-ро ҳангоми банақшагирии буҷет, барои таъмин намудани мустақилияти молиявии ниҳоди мазкур, ба инобат гиранд.

8) Парламентҳо бояд барои аз нуқтаи назари буҷети солона баррасӣ намудани Нақшаи стратегӣ ва/ё Нақшаи чорабиниҳои ҳарсола аъзоёни НМҲИ-ро ҷалб намоянд.

9) Парламентҳо бояд НМҲИ-ро бо захираҳои кофӣ барои амалисозии функсияҳои муқаррарнамудаи қонун дар бораи таъсиси НМҲИ таъмин намоянд.

**С) Раванди таъйин ва барканоркунӣ**

10) Дар қонун оид ба таъсиси НМҲИ парламентҳо бояд тартиби интихоб ва таъйин, инчунин барканор кардани аъзоёни НМҲИ аз вазифаашонро, дар сурати ҷой доштан, возеҳ нишон диҳанд, ҳангоми зарурат бо иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ.

11) Парламентҳо бояд раванди кушода ва шаффофи таъйинро таъмин намоянд.

12) Парламентҳо бояд мустақилияти НМҲИ-ро тавассути дар қонун оид ба таъсиси НМҲИ ҷой додани муқаррарот дар бораи доштани имунитет (масуният) ҳангоми иҷрои функсияҳои расмӣ, таъмин намоянд.

13) Дар қонун оид ба таъсиси НМҲИ парламентҳо бояд возеҳ муқаррар намоянд, ки дар сурати мавҷуд будани ҷойи холӣ (вакансия) он бояд дар муҳлатҳои оқилона пур карда шавад. Дар сурати ба охир расидани муҳлати дар вазифа будан аъзои НМҲИ бояд ба иҷрои

уҳдадориҳои худ идома диҳад, то он вақте, ки шахси дигар ба ҷои ӯ таъин карда нашавад.

**D) Пешниҳоди маърӯзаҳо барои баррасӣ**

14) НМҲИ бояд маърӯзаҳояшонро бевосита ба парламент пешниҳод намоянд.

15) НМҲИ бояд ба парламент оид ба фаъолияташ маърӯзаи солона, оид ба хароҷот ҳисоботи мухтасар, инчунин оид ба вазъи ҳуқуқи инсон дар кишвар ва оид ба дилхоҳ дигар масъалаҳои бо ҳуқуқи инсон алоқаманд маърӯза пешниҳод намояд.

16) Парламентҳо бояд маърӯзаҳои НМҲИ-ро қабул кунанд, баррасӣ намоянд ва ҷавоб диҳанд, инчунин муҳокимаи вазифаҳои аввалиндараҷаи НМҲИ-ро доир намуда, барои муҳокимаи саривақтии маърӯзаҳои нисбатан муҳими НМҲИ имконият пайдо намоянд.

17) Парламентҳо бояд принсипҳои чорчӯбавии муҳокимаи фаъолияти НМҲИ-ро, таҳия намоянд, ки мустақилияти НМҲИ-ро таъмин кунад.

18) Парламентҳо бояд муҳокимаи кушодаи тавсияҳои таҳиянамудаи НМҲИ-ро гузаронанд.

19) Парламентҳо бояд аз мақомоти дахлдори давлатӣ маълумот гиранд, ки то чӣ андоза мақомоти дахлдори давлатӣ тавсияҳои НМҲИ-ро баррасӣ намуданд ва тибқи онҳо чораҳо андешиданд.

***II. Шаклҳои ҳамкорӣ байни парламентҳои ва НМҲИ***

20) НМҲИ ва парламентҳо бояд дар бораи асосҳои ҳамкорӣ тавофуқ кунанд, аз ҷумла чорчӯбаҳоро барои баррасии масъалаҳои соҳаи ҳуқуқи инсон, ки манфиатҳои умумро ифода мекунанд, муқаррар намоянд.

21) Парламентҳо бояд кумитаи дахлдори парламентиро, ки фаъолияти якҷояи НМҲИ-ро бо парламент таъмин мекунад, муайян намоянд ё таъсис диҳанд.

22) НМҲИ бояд бо кумитаи парламентии дахлдор муносибатҳои устувори кориро густариш диҳанд, аз ҷумла тавассути ёддошти тафоҳум,

агар зарур бошад. НМҲИ ва кумитаҳои парламентӣ ҳамчунин бояд муносибатҳои расмикунонидашударо густариш диҳанд, агар он барои кори онҳо зарур бошад.

23) Аъзоёни кумитаи парламентии дахлдор ва НМҲИ бояд пайваста вохӯриҳо гузаронанд ва муколамаи доимиро тақвият диҳанд, то ки табодули иттилоот фаъол ва соҳаҳои имконпазири ҳамкорӣ барои ҳимоя ва пешбурди ҳуқуқи инсон муайян карда шаванд.

24) Парламентҳо бояд дар рафти ҷаласаҳо ва равандҳое, ки аз ҷониби кумитаҳои парламентии мухталиф баргузор карда мешаванд иштироки НМҲИ-ро таъмин намоянд ва вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон барои маслиҳати коршиносон муроҷиат кунанд.

25) НМҲИ бояд ба парламентҳо оид ба масъалаҳои ба ҳуқуқи инсон алоқаманд, аз ҷумла нисбат ба уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки кишвари дахлдор ба зимма гирифтааст маслиҳат ва/ё тавсияҳо диҳанд.

26) НМҲИ бояд парламентҳоро ҷиҳати мусоидат ба амалисозии функсияҳои назоратӣ бо иттилоот ва тавсияҳо таъмин намоянд.

***III. Ҳамкорӣ байни парламентҳо ва НМҲИ вобаста ба қонунгузорӣ***

27) НМҲИ бояд ба парламентҳо вобаста ба масъалаҳои мундариҷа ва татбиқшавандагии лоиҳаи қонунҳои нав аз нуқтаи назари риоя гардидани меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи инсон машварат диҳанд.

28) Парламентҳо бояд иштироки НМҲИ-ро дар равандҳои қонунгузорӣ таъмин намоянд, аз ҷумла ба онҳо пешниҳод намоянд, ки фикри худро баён намоянд ва вобаста ба мутобиқати қонунҳо ва сиёсат бо меъёрҳои соҳаи ҳуқуқи инсон машварат диҳанд.

29) НМҲИ бояд ҳангоми зарурат барои ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ пешниҳодҳо ироа намоянд, то ки қонунгузории миллиро ҳам бо стандартҳои давлатӣ ва ҳам байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мувофиқ намоянд.

30) НМҲИ бояд бо парламентҳо бо мақсади пешбурди ҳуқуқи инсон тавассути қабули қонунҳое, ки ба амалисозии уҳдадориҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон, тавсияҳои сохторҳои шартномавӣ ва қарорҳои судҳо оид ба вайроншавии ҳуқуқи инсон мусоидат мекунанд, дар якҷоягӣ кор кунанд.

31) НМҲИ бояд бо парламентҳо барои таъмини раванди самарабахши арзёбии таъсири қонунҳо ва сиёсати пешниҳодшуда ба ҳуқуқи инсон дар якҷоягӣ кор кунанд.

***IV. Ҳамкорӣ байни НМҲИ ва парламентҳо вобаста ба механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқ***

32) Парламентҳо бояд кӯшиш намоянд дар раванди тасдиқи созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, бо машварат намудан бо НМҲИ иштирок кунанд ва иҷроиши ҳамаи уҳдадориҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи инсонро аз тарафи давлати додашуда, назорат намоянд.

33) НМҲИ бояд фикри худро нисбат ба қайдҳо ё тафсирҳои пешниҳодшуда, ки хусусияти хоси иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва риояи ин уҳдадориҳоро аз ҷониби давлати додашуда дар бар мегирад, ба парламентҳо расонанд.

34) Парламент ва НМҲИ бояд бо мақсади таъмин намудани сохторҳои байналмилалии шартномавӣ бо ҳама иттилооти дахлдор дар бораи аз ҷониби давлат риоя гардидани уҳдадориҳо ва қабули чораҳо барои иҷрои тавсияҳои сохторҳои шартномавӣ, ҳамкорӣ намоянд.

35) НМҲИ бояд пайваста ба парламентҳо дар бораи тавсияҳои гуногун, ки ба давлат аз тарафи механизмҳои минтақавӣ ва байналмилалии ҳимояи ҳуқуқ, аз ҷумла Шарҳи универсалии даврӣ, сохторҳои шартномавӣ ва гузоришгарони махсус дода мешаванд, маълумот диҳанд.

36) Парламентҳо ва НМҲИ бояд дар якҷоягӣ стратегияи амалисозии систематикии тавсияҳои таҳиянамудаи механизмҳои минтақавӣ ва байналмилалии ҳимояи ҳуқуқро таҳия намоянд.

***V. Ҳамкорӣ байни НМҲИ ва парламентҳо дар соҳаи таълим, омодасозии касбӣ ва баланд бардоштани маърифатнокӣ оид ба ҳуқуқи инсон***

37) НМҲИ ва парламентҳо бояд ба хотири рушди фарҳанги эҳтироми ҳуқуқи инсон дар якҷоягӣ кор кунанд.

38) НМҲИ ва ҳукуматҳо бояд барои он ки таълим ва омодасозӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар ҳаҷми кофӣ ба барномаҳои мактабӣ ва донишгоҳӣ ворид карда шуда бошанд, инчунин дар доираи омодасозии иловагӣ ва касбӣ, аз ҷумла таълими судяҳо тибқи стандартҳои байналмилалӣ, дар якҷоягӣ мусоидат кунанд.

39) НМҲИ ва парламентҳо бояд барои таҳкими иқтидори якдигарӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва равандҳои парламентӣ дар якҷоягӣ мусоидат кунанд.

40) НМҲИ, парламентҳо ва ҳамаи аъзоёни парламентҳо бояд ба фаъолияти якҷоя дар раванди баланд бардоштани иттилоотнокӣ, чорабиниҳои омӯзишӣ кӯшиш намоянд ва якдигарро барои иштирок дар конференсияҳо, чорабиниҳо ва фаъолиятҳо оид ба пешбурди ҳуқуқи инсон ташвиқ намоянд.

***VI. Мониторинги иҷрои қарорҳои мақомоти судӣ ва маъмурӣ вобаста ба риояи ҳуқуқи инсон***

41) Парламентҳо ва НМҲИ бояд ҳангоми гузаронидани мониторинги иҷрои қарорҳои судҳо (миллӣ ва ҳангоми зарурат минтақавӣ ва байналмилалӣ) ва дигар мақомоти маъмурӣ, ки масъалаҳои ба ҳуқуқи инсон алоқамандро баррасӣ менамоянд, ба шакли дахлдор ҳамкорӣ намоянд.

42) НМҲИ бояд қарорҳое, ки дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз тарафи судҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ на ба манфиати давлат қабул шудаанд пайгирӣ намоянд ва агар зарур бошад ба парламент тавсия диҳанд, ки кадом тағйиротҳоро ба қонунгузорӣ ва сиёсат ворид намудан лозим аст.

43) Парламентҳо бояд ба шакли зарурӣ тавсияҳои НМҲИ-ро нисбат ба иҷрои қарорҳои суд дар соҳаи ҳуқуқи инсон ба инобат гиранд.

44) Парламентҳо ва НМҲИ бояд ба шакли зарурӣ ба ҳокимияти иҷроия ҷиҳати иҷрои саривақтӣ ва самараноки қарорҳои судӣ мусоидат кунанд, то ки мутобиқати пурра бо стандартҳои соҳаи ҳуқуқи инсон таъмин карда шавад.